Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Мавзуи мазкур барои илми педагогика ва фарҳангшиносиии амалӣ хеле муҳим ва мубрам буда, барои ҳалли бисёр масъалаҳои рушди таҳсилот ва кори амалӣ-методии муассисаҳои фарҳанг мусоидати фаъол менамояд.

Асоси назариявӣ ва методологии мавзуъ хеле дуруст таҳия шуда, ба ихтисоси «Назария методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» пурра мувофиқат менамояд.

Дар он объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он дуруст муайян карда шудааст. Объекти таҳқиқотро фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг оид ба тарбиявӣ-эстетикии донишҷӯён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Мақсади таҳқиқот ба ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯёни коллеҷҳои самти фаъолияташон техникӣ ва муайян сохтани шароитҳои педагогии такмили кори онҳо оид ба тарбияи эстетикӣ ва ба камол расонидани мутахассисони соҳибкасби худшинос нигаронида шудааст.

Дар доираи ин мақсад вазифаҳои зерини гузошташуда ҳалли худро дуруст ёфтаанд:

- ошкор сохтани проблемаҳои актуалии ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар шароити кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани ҷойгоҳи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ин раванд;
- муайян кардани дараҷаи илмии омӯхта шудани проблемаи мазкур;
- асоснок намудани омилҳо ва хусусиятҳои муҳимми фарҳанги эстетикӣ ва ташаккули он дар ниҳоди донишҷӯёни коллеҷ дар раванди фаъолияти таълимию тарбиявӣ ва кори иҷтимоӣ-фарҳангӣ;
- коркарди барномаи педагогӣ ва тавсияҳои асосноки илмӣ-методӣ ҷиҳати такмил додани фаъолияти коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг оид ба ташаккули комили шахс дар заминаи фарҳангт эстетикӣ.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба талабот ҷавобгӯ буда, он ба таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи педагогикаи умумӣ ва иҷтимоӣ, назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ фарҳангӣ дар самти ташаккули фарҳанги зебоишиносии насли наврас такя мекунанд:Ариарский М.А., Ерошенко И.Н, Ярошенко В.В., Триодин В.Е., С. Раҳимов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, Д. Латифзода, А. Саидов, А. Нуров, А. Миралиев ва диг.

Мероси педагогӣ ва мутафаккирони намоёни халқи тоҷик, ғоя ва ақидаҳои олимони хориҷи кишвар доир ба худшиносии миллӣ, ҷойгоҳи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар ташаккули фарҳанги умумӣ, касбӣ ва эстетикӣ имкон дод, ки таҳқиқот дар пояи пурқуввати илмӣ анҷом гардад.

Дар диссертатсия унвонҷӯ Усмонов З.Ҷ. кӯшиш ба харҷ додааст, ки системаи фарҳанги эстетикӣ ва роҳҳои ташаккули он дар ниҳоди донишҷӯён тавассути ба эътибор гирифтани омилҳо, хусусиятҳои коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг бо такя ба анъанаҳои миллӣ мутобиқ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок ва роҳҳои такмили ин унсури муҳими тарбиявӣ муайян карда шавад.

Аҳаммияти таҳқиқот дар он зоҳир гардидааст, ки кори таълимию тарбиявӣ ва фарҳангию фароғатии муассисаҳои фарҳанг бо назардошти хусусияту анъанаҳои миллӣ, ҷашвораҳо, барномаҳои театрӣ ва чорабиниҳои театришуда ошкор ва истифодаи бештару самараноки онҳо дар раванди корҳои тарбиявӣ собит карда шудааст, ки муносибати нав дар омӯзиши низоми тарбияи эстетикӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар барномаи педагогӣ ва тавсияҳои методӣ ҷиҳати тавсеаи системаи тарбияи эстетикӣ барои омӯзгорон ва устоҳои таълимӣ-истеҳсолии коллеҷ, ҳамчунин барои кормандони муассисаҳои фарҳанг оид ба ташаккули худшиносии миллии донишҷӯён тавсияҳои илмӣ-методӣ пешниҳод гардидаанд, ки шароитҳои самараноки педагогии амалӣ гаштани консепсия ва барномаҳои миллии тарбия хеле муфиданд. Рисола арзиши баланди илмӣ ва амалӣ дошта, дар ҷараёни татбиқи Қонунҳои Ҷумҳурииии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак» ва «Танзими ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ пурра мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулосаю тавсияҳо ва номгӯи адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар бобҳои аввали диссертатсия асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фарҳанги эстетикӣ, хусусият, омилҳо ва ҳамкории функсионалии коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳанг асоснок карда шудааст. Нуктаҳои назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар ин самт, ҳамкории оила, мактаб коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ҳамчун проблемаи иҷтимоӣ-педагогӣ, баъзе хусусиятҳои ташаккули он дар ниҳоди донишҷӯёни коллеҷҳо дар шароити соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳу тавсиф ва маънидод шудаанд.

Боби дуюми рисола ба шароитҳои самараноки педагогии такмили тарбияи эстетикӣ дар шароити ҳозира дар заминаи таҳлили маводи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанги ҷумҳурӣ дар мисоли шаҳрҳои хурд бо истифода аз усулҳои таҳқиқоти педагогӣ ошкор ва роҳҳои такмили он барои ҷумҳурӣ муайян карда шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия Усмонов З.Ҷ. натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст ва хулосаҳои муҳим барои мукаммалгардонии кори тарбиявӣ-

эстетикӣ ба низом дароварда шудаанд. Барои омӯзгорон ва коллеҷҳо ва кормандони фарҳанг тавсияҳои илмӣ-методӣ ва амалӣ пешниҳод ва маҷмӯи проблемаҳои нав дар ин самт зикр шуда, самтҳои афзалиятноки омӯзиши масъалаҳои фарҳанги зебоипарстии ҷавонон тавассути фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ муайян гардидаанд.

Диссерататсия Усмонов З.Ҷ. ба талабот ҷавобгӯ буда, дар сатҳи хеле баланд таҳия шуда, баҳои баландро сазорвор аст.

Диссертатсияи Усмонов З. Ҷ. дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05.- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.03. - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05.- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.03. - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Муқарриз: муовини ректор оид
ба корҳои таълими Муассисаи
давлатии таълимии Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Махсудзода Фарҳод Махсуд

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода
Имзои Махсудзода Фарҳодро
тасдиқ мекунам: Ҳамидова Зарина

Суроғаи донишкада:
ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 73 А
Тел.: 939004500
E- mail:mirakhmedov66@mail.ru